# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Воҳидҳои фразеологӣ воқеан таркибу ибораҳои рехтаву устувореанд, ки дар қолаби муайяни дар тӯли асрҳо шаклгирифтаи худ мазмуну тобишҳои маъноии дорои обуранги бадеиро ифода мекунанд ва ба сухани гӯяндаву нависанда ширинию шевоӣ ва зебу зинати хос мебахшанд. Чунин воҳидҳои забонӣ дар осори назму насри пешиниёни мо, бахусус дар таърихномаҳо корбурди фаровон доранд. Ҷустуҷӯ, дарёфт ва таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои муътабар, ба мисли тарҷумаи "Таърихи Табарӣ"-и Абуалии Балъамӣ, тарҷумаи "Таърихи Бухоро"-и Абубакри Наршахӣ, "Таърихи Байҳақӣ"-и Абулфазли Байҳақӣ, "Зайн-ул-ахбор"-и Абусаиди Гардезӣ, "Таърихи Систон"-и муаллифи ношинохта, "Таърихи Яминӣ"-и Ҷурфодиқонӣ (Гулпоягонӣ), "Таърихи Ҷаҳонгушой"-и Алоиддин Атомалики Ҷувайнӣ, "Низом-ут-таворих"-и Носириддини Байзовӣ, "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидиддини Фазлуллоҳ, "Таърихи вассоф"-и Абдуллоҳ ибни Фазлуллоҳ, "Таърихи гузида"-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ва ғайра барои шевоии гуфтору ҳусни баён ва ба ин васила ғано афзудани забони тоҷикӣ дар рӯзгори имрӯзаи соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ аз аҳаммияти фаровон бархурдор аст.

Бинобар ин, аз тарафи муҳаққиқи соҳибназар Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтани вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII иқдоми нек ва амали шоиста арзёбӣ мешавад.

Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ муайян шудаанд, мувофиқати комил дорад.

Навгонии диссертатсия пеш аз ҳама дар он ба мушоҳида мерасад, ки дар он бори нахуст дар забоншиносии тоҷик масъалаи

вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XII мавриди баррасӣ қарор гирифта, нақши муаррихону мутарҷимони таърихномаҳо дар рушди таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъйину таъкид гардидааст. Гузашта аз ин, дар заминаи маводи фаровони забонии таърихномаҳо манбаи муҳимми унсурҳои рехтаву устувор будани ин осор ба исбот расида, умумият ва тафовути забонии ҳар кадом таърихномаҳои мавриди назар бо таваҷҷуҳ ба корбасти воҳидҳои фразеологӣ муайян карда шудааст.

Бояд таъкид кард, ки нуҳ нуктаи асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда дар диссертатсия муваффақона ҳаллу фасл шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқи мавриди назар ба фаровонии ҳаҷми маводи таҳқиқ, дақиқии маълумот, таҳлили маводи гирдомада ва ҳаҷми интишорот алоқаманд мебошад. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд, муътамад ба назар мерасанд ва қобили пазириш арзёбӣ мешаванд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии он имкон дорад, барои бозкушоии гиреҳи мушкилоти фразеологияи таърихӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ба назар мерасад, ки нуктаҳои дар он ироагардида имкон дорад барои таълифи рисолаҳои номзадию докторӣ, рисолаҳои хатми донишгоҳию магистратура ба сифати замина хидмат намояд. Ҳамчунин маводи аз таърихномаҳо гирдомадаро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим оид ба таърихи забон ва фразеологияи таърихӣ, таҳияи фарҳангу луғатномаҳо истифода намуд.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсаду моҳияти мавзуи мавриди таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, аз муқаддима, шаш боб, хулоса, пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия (с. 4-18) мубрамии мавзуи таҳқиқ таъйид гардида, дар бобати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои илмии таҳқиқ, обйект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарию равишомӯзии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ ва қисматҳои дигари анъанавӣ ба таври мухтасар сухан меравад.

Боби аввали диссертатсия «Таҳаввулот дар сабки нигориши таърихномаҳои форсӣ-тоҷикӣ» (с. 19-68) ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Фасли аввали боби якум "Таърихномаҳо ва сабки нигориши онҳо" унвон дорад ва дар ин фасл сабки нигориши таърихномаҳо ба таври мухтасар, вале фарогир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия "Таърихномаҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифгардида" ном дорад ва дар ин фасл таърихномаҳое, ки ба забони модарии мо таълиф гардидаанд, аз ҷумла "Таърихи Байҳақӣ", "Зайн-ул-ахбор", "Таърихи Систон" ва ғ. таҳқиқ шудаанд.

Фасли сеюми ин боб "Таърихномаҳои аз забони арабӣ тарҷумашуда" унвон дорад. Дар ин фасл таърихномаҳое мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки нахуст ба забони арабӣ таълиф шуда, баъдан ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шудаанд (аз ҷумла "Таърихи Бухоро", "Таърихи Табарӣ" ва "Таърихи Яминӣ".).

Боби дуюми диссертатсия "Мансубияти забонии вожаҳои таркиби ВФ-и соматикӣ" (с. 69-122) ном дорад ва аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали ин боб зери унвони "Вожаҳои аслии тоҷикӣ-асоси ВФ" ва ду зерфасли он воҳидҳои фразеологии номӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ ва воҳидҳои фразеологии номӣ бо вожаҳои аслии тоҷикию арабӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми боби дуюм «ВФ-и феълӣ» ном дорад ва аз ду зерфасл иборат мебошад. Зерфасли аввали фасли дуюми боби дуюм ба таҳлилу таҳқиқи воҳидҳои фразеологии феълӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ ва зерфасли дуюми ҳамин боб ба таҳлилу таҳқиқи воҳидҳои фразеологии феълӣ бо вожаҳои аслии тоҷикию арабӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Мансубияти забонии вожаҳои таркиби ВФ-и ғайрисоматикӣ" (с. 123-166) ном дорад ва аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали боби сеюм – "Вожаҳои аслии тоҷикӣ-асоси ВФ" ва чор зерфасли он воҳидҳои фразеологии номӣ, воҳидҳои фразеологии номӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ, воҳидҳои фразеологии номии аз вожаҳои тоҷикию забонҳои дигар бунёдёфта ва воҳидҳои фразеологии номӣ бо вожаҳои арабӣ тахлилу таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли дуюми ин боб ва ду зерфасли он воҳидҳои фразеологии феълӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ ва воҳидҳои фразеологии феълӣ бо вожаҳои аслии тоҷикию арабӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби чоруми диссертатсия "ВФ-и сермувозӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" (с. 167-214) ном дорад ва аз панҷ фасл иборат мебошад.

Дар фасли якуми ин боб зуҳури мувозӣ бо тағйири овоии вожаҳо, дар фасли дуюм ва се зерфасли он зуҳури мувозӣ бо ивази вожаҳои мансуб ба ҳиссаҳои мухталифи нутқ, зуҳури мувозӣ бо ивази исми таркиби воҳидҳои фразеологӣ, зуҳури мувозӣ бо ивази сифат/зарфи таркиби воҳидҳои фразеологӣ, зуҳури мувозӣ бо ивази феъли таркиби воҳидҳои фразеологӣ, дар фасли сеюм зуҳури мувозӣ бо пешвандҳои шаклсоз, дар фасли чорум зуҳури мувозӣ бо пешвандҳои калимасоз ва дар фасли панҷум зуҳури мувозӣ бо тағйири пешвандҳову пайвандакҳо мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтаанд.

Боби панҷум "ВФ-и муродифӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" (с. 215-256) ном дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли якуми ин боб дараҷаи корбурди воҳидҳои фразеологии муродифӣ, дар фасли дуюм зикри марг бо ёрии калимаҳо, дар фасли сеюм зикри марг бо ёрии таркибҳо, дар фасли чорум зикри марг бо ёрии воҳидҳои фразеологӣ ва дар фасли панҷуми боби панҷум зикри қатл бо воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқ шудааст.

Боби шашуми диссертатсия "ВФ-и нодир дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" (с. 257-297) унвон дорад ва аз се фасл иборат аст.

Дар фасли аввали ҳамин боб ва се зерфасли он воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаҳо шарҳёфта, воҳидҳои фразеологии танҳо дар як таърихномаи садаҳои X-XIII мустаъмал, воҳидҳои фразеологии дар чанд таърихномаи садаҳои X-XIII мустаъмал, воҳидҳои фразеологии дар осори ҳама даврон мустаъмал, дар фасли дуюм воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаҳо зикрнашуда ва дар фасли сеюми боби шашум воҳидҳои фразеологии аз забони арабӣ тарҷумашуда таҳқиқ шудаанд.

Дар қисмати хулоса (с. 299-305) натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи ӯ баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 1 монография, 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и

назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ нуктаҳои асосии мавзуи таҳқиқро дар конференсия ва семинарҳои гуногуни илмию амалии дохилию байналмилалӣ дар шакли маъруза пешниҳод кардааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқот ва пешниҳодҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия, суханрониҳои илмӣ, монография ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз салоҳият ва лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас диссертатсия аз нуқсону норасоиҳо низ орӣ нест, ки ба пиндори мо рафъи баъзе аз онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмии муаллиф аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

1. Баъзе мулоҳизарониҳои шахсии унвонҷӯ дар робита ба матолиби бархе таърихномаҳо тавзеҳталаб буда, ба андешаи мо, саҳеҳ ба назар намерасад. Аз ҷумла, унвонҷӯ ҳадафи таълифи "Таърихи Байҳақӣ"-ро гӯё "ҷавоб гуфтан ба ашхосе, мисли Абурайҳони Берунӣ" (с.272) донистааст, ки "забони форсии тоҷикиро дар баёни матолиби илмӣ оҷизу нотавон ҳисобида, гуворо будани дашноми арабиро аз ситоиши форсӣ афзал шумурдаанд" (с.272). Тавзеҳан бояд таъкид кард, ки муаллифи "Таърихи Байҳақӣ" ё "Таърихи Масъудӣ" Абулфазли Байҳақӣ ба шахсияти ҳамзамони худ Абурайҳони Берунӣ иродату самимияти фаровон дошт ва номи ӯро дар ин таърихномааш борҳо бо лақаби ифтихории "устод" ёд кардааст. Илова бар ин, Абулфазли Байҳақӣ қисмате аз китоби "Машоҳири Хоразм"-и Беруниро дар муҷаллади даҳуми ҳамин китобаш айнан нақли қавл кардааст.

2. Дар баъзе мавридҳо шумораи маъхазҳои дар матн ба онҳо истинодшуда ба шумораи адабиёти дар китобномаи охири диссертатсия овардашуда мувофиқат намекунад.

3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо хатоҳои имлоию иншоӣ ба мушоҳида мерасанд (с. 5, 7, 9...).

Норасоиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти иншоию имлоӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Диссертатсия таҳқиқи мукаммали баанҷомрасида буда, дар рушди забоншиносии тоҷик, ба хусус бахши фразеологияи таърихӣ саҳми арзанда мегузорад.

Диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, масъалаҳоеро фаро мегирад, ки дар забоншиносии тоҷик дорои аҳаммияти бузурги назарӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илми филология,
узви вобастаи АМИТ,
сарходими илмии Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ **Султон Ҳасан Баротзода**
« 13» декабри соли 2022

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
(+992) 37227-29-07, 221-70-30
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru
Тел: 93-526-98-05

Имзои Султон Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ **Ҳ. Нарзиқулова**
« 13» декабри соли 2022